*“Тоҷикистони советӣ”* **N 301 (13.6121),**
***шанбе 26 декабри соли 1970, саҳ. 3***

БА МУНОСИБАТИ ҶАШНИ 60-СОЛАГИИ РӮЗИ ТАВАЛЛУДИ ШОИР БОҚӢ РАҲИМЗОДА

# СУХАНСАРОИ ЗАРИФТАБЪ



Шоири дустдоштаи халқ - Боқӣ Раҳимзода аз ҷумлаи он адибонест, ки дар солҳои пуршури сийум по ба арсаи адабиёт ниҳодаанд.

Тарҷумаи ҳоли Боқӣ Раҳимзода аз саргузашти шахсоне, ки ду сохти ҷамъиятиро дида ва дар даврони сотсиалистӣ ба камол расидаанд, тафовути ҷиддие надорад. Нокомиҳои ятимӣ, заҳмати чупонӣ, дарёфтани саодат дар мактаби нав, таҳсил дар Омузишгоҳи педагогии Самарқанд ва Институти педагогии Душанбе лаҳзаҳои асосии зиндагии ӯ мебошанд. Қисмати Б. Раҳимзода ҳамранги қисмати халқи меҳнаткаши ӯст. Адиб дар сохтмони ҷамъияти сотсиалистӣ, дар муборизаҳо баҳри пешрафти маориф ҳамчун як нафар фарзанди фидокор хизмати пурарзише кардааст.

Ҳангоми ҳуҷуми аҳдшиканонаи Германияи гитлерӣ Б. Раҳимзода ҳам мисли тамоми мардуми советӣ ба ҳимояи Ватани азиз камар баст. Баъд аз музаффарона анҷом ёфтани Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар азнавбарқароркунии хоҷагии халқ ва тарбияи маънавии бинокорони ҷамъияти коммунистӣ саҳми босазое мегузорад.

Б. Раҳимзода тақрибан чил сол ин ҷониб дар майдони адабиёт қаламронӣ мекунад. Нахустин маҷмуаи ашъори ӯ бо номи «Ба фронт» соли 1945 чоп шуд. Баъд аз ин як қатор китобу маҷмуаҳои ӯ, аз қабили «Дар водии Вахш», «Кӯҳистони дурахшон», «Барги сабз», «Ҳаёт ва сухан», «Чашмасор», «Баҳори умр», «Роҳи тайшуда» ва ғайра дастраси хонандагони сершумор гардиданд. Қисме аз беҳтарин асарҳои Боқӣ Раҳимзода ба бисёр забонҳои халқҳои СССР ва хориҷа тарҷимаю нашр шудаанд.

Б. Раҳимзода ба роҳи калони эҷодӣ асосан баъд аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҷиддан қадам мегузорад ва хизмати халқу Ватанро чун шоир пешаи худ қарор медиҳад.

Шоир дар бисёр шеърҳои солҳои ҷанг эҷод кардааш, аз ҷумла «Интиқом», «Паймон кардаам», «Дар мудофиаи дил» ва ғайра дар ҳиссу фикри одамони советӣ нисбат ба фашизми бадхоҳу ғаддор кинаву адоват парвариданро талқин мекунад.

Аммо масъалаҳои ҷанг, тавсифи қаҳрамониҳои беназири мардуми диловари советӣ баъди анҷоми ҷанг ҳам дар эҷодиёти Б.

Раҳимзода мавқеи сазовор доранд. «Иди зафар», «Суруди дил», «Ҳодӣ меҳмон омадаст», «Москва» барин як қатор шеърҳои ватандӯстонаи Б. Раҳимзода дар тарбияи ватандӯстии сотсиалистии одамони советӣ саҳми худро гузошта меоянд.

Шоир дар шеъри «Ҳодӣ меҳмон омадаст» дар симои Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ Ҳодӣ Кенҷаев тамоми қаҳрамонон ва ҷанговарони тоҷикро, ки пас аз ғалабаҳои бузург ба меҳнат ва зиндагонии осоишта баргаштаанд, самимона табрик мегӯяд:

*Қаҳрамони фарзанди тоҷик Ҳодӣ меҳмон омадаст,*
*Назди авлодаш, диловар, Тоҷикистон омадаст...*
*Шери Тоҷик дод зӯрашроб ба душманҳо нишон,*
*Пора шуд аз қувваташ даҳҳо “паланг”-и душманон,*
*Ин музаффарзода аз ҷанги фашистон омадаст...*

Эҷодиёти баъдиҷангии Боқӣ Раҳимзода ҳам аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа, ҳам аз нуктаи назари камолоти ғоявӣ ва маҳорату санъаткорӣ гуногун ва рангоранг аст. Шоир ба жанрҳои мухталифи назм ру оварда, шеъру сурудҳои зиёде эҷод намудааст, ки онҳо дар пешравии адабиёту санъати советии тоҷик ҳиссаи калон гузоштаанд.

Мавзуъҳои ҳамкории халқҳо, ҳамдардӣ ба мазлумони хориҷа, васфи муҳташамии Револютсияи Октябр, меҳнат ва ғайра мавзуъҳои марказии адабиёти сермиллати советӣ шинос мегарданд. Б. Раҳимзода низ дар шеърҳои «Чашмаи Ленин», «Аз қаҳрамон ба қаҳрамон», «Ба хотираи Маяковский», «Ба дусти ҷанговарам», «Салом» ва ғайра дӯстию якдилии халқҳоро васфу ситоиш эҷодиёти чи карда, дар ин мавзуъ ба муваффақиятҳо ноил гардидааст.

Манзумаҳои «Чашмаи Ленин ва «Нахустин шиносоӣ бо Ленин» чи дар эҷодиёти Б. Раҳимзода чи дар байни ленинномаҳои советии

тоҷик мавқеи намоёнеро ишғол мекунанд. Шоир саргузашти халқро дар зимни тасвири лаҳзаҳои тарҷимаи ҳоли худ хеле моҳирона ифода карда тавонистааст. Шоир Ленинро мувофиқи тасаввуроти халқ ҳамчун шахси оқилу мағлубнопазир тасвир карда, сифатҳои инсонии ӯро самимона ба қалам медиҳад.

Атокунандаи зиндагии нав, орандаи бахту саодат ба халқи мазлум, ғамхору мушфиқи меҳнаткашон будани доҳии муаззам дар ленинномаҳои Б. Раҳимзода таҷассуми бадеии худро ёфтаанд.

Б. Раҳимзода дар мавзуи ҳамдардӣ ба заҳматкашони хориҷа, ки онро дар адабиёти тоҷик Лоҳутию Пайрав ҷорӣ кардаанду Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ Мирзо Турсунзода ба ҳадди аълояш расонидааст, як қатор шеърҳо эҷод менамояд.

Шоир дар шеъри «Овози модар», ки он ба ҷанги нангини ШМА ба муқобили Кореяи озодихоҳ бахшида шудааст, овози модари точик, ҳамдардии халқи тоҷикро ба гуши халқи қаҳрамон ва соҳибиродаи Корея мерасонад. Дар ин шеър ҳиссиёти руҳии модар баъд аз шунидани ин хабари нохуш таъсирбахш акс ёфтааст.

Боқӣ Раҳимзода ҳамчун тамоми адибони советӣ ва санъаткорони пешқадами дунё тарафдори сулҳу сафо мебошад, зеро зиндагии хуррам, ободию маъмурии кишварҳо, ҳатто обу ҳавои файзбахш танҳо ба сулҳ вобаста аст.

Аз ин рӯ, шоир дар ин қабил шеърҳояш хоҳ бевосита ва хоҳ бавосита, ба сулҳ ва омилҳои пойдории он дахолат мекунад, ки мо онро, аз ҷумла, дар шеъри «Мо паём овардаем» возеҳу равшан дида метавонем:

*Тай намуда баҳру бар аз Тоҷикистон омадем,*
*Чун насими субҳгоҳон аз Бадахшон омадем,*
*Бо рубобу чангу даф ин дам ғазалхон омадем.*
*Назди ёрони киромӣ мо ба Эрон омадем ...*

Дар асоси таҳлили ашъори ба Револютсияи Октябр бахшидаи Б. Раҳимзода, чунонки муҳаққиқи ин мавзуъ С.Ш. Табаров мегӯяд, “то чи андоза тағйир ёфтану бой гардидани маҳорат ва услуби бадеии ин шоирро фаҳмидан ва муайян кардан мумкин аст. Ӯ дар шеърҳои «Тантанаи Октябр», «Биё, биё» ва «Иди аслӣ - иди мост» роли бузурги Револютсияи Октябрро нишон дода, таъкид мекунад, ки ғалабаи диктатураи пролетариат дар Россия, ғалабаи инқилоб дар сарзамини тоҷикон, ҳаёти нав бевосита бо ёрию мадади В.И. Ленин муҳайё гардид.

Фатҳи рахшони Револютсияи Октябр, ғалабаи комили сотсиализм ва ободию маъмурии ҷумла оламро бе синфи коргару деҳқон, бе ягонагии ин ду синфи муқтадир тасаввур кардан мумкин нест. Боқӣ Раҳимзода низ дар қатори ҳамаи санъаткорони Советӣ манфиатҳои ана ҳамин ду синфро, ки онҳо дар мамлакати мо ба синфи моҳиятан ягона табдил ёфтаанд, тараннум менамояд. Шоир аз он сарфароз аст, ки мавзуи асосии эчодиёти ӯро васфи меҳнаткашон ташкил додааст. Аз ҷумла, ӯ дар маснавии «Суруди ман» ин тариқ мегӯяд:

*Садои аҳли меҳнат дар сурудам мешавад такрор,*
*Садои кудакони даври фирузу навозишкор.*
*Ба оҳанги сурудам мешавад пайваста ҳам-овоз*
*Садои дастгоҳи коргар бо мардуми колхоз...*
*Бувад то ҷон ба тан, бо аҳли меҳнат ҳамсафар ҳастам*
*Ситода дар сафи аввал, қалам бигрифта дар дастам.*

Идеологҳои зархариди буржуазӣ ҳоло ҳам дод мезананд, ки гуё Револютсияи Октябр ба сари меҳнаткашони қаламрави аморати Бухоро зӯран, танҳо бо қувваи аскарони сурхи рус бор карда шуда бошад. Таърихи муборизаҳои халки тоҷик возеҳу равшан нишон медиҳад, ки ин саросар бӯҳтон аст, зеро шуришҳои оммаи халқи

меҳнаткаш таҳти роҳбарии Восеи диловар (соли 1885) ва Усмони далер (соли 1918), корпартоии машҳури мардуми Хуҷанд (соли 1916) аз муборизаҳои озодиҷӯёнаи меҳнаткашон шаҳодат дода, заминаҳои реалии Револютсияи Октябрро омода намудаанд.

Б. Раҳимзода хамчун адиби пешқадами советӣ ба ҳақиқати таърихи кишвар бо назари диққат нигоҳ карда, манзумаи «Қиссаи нотамом»-ро эҷод намуд, ки дар он шуриши машҳури Усмон, замина ва оқибатҳои он накл карда мешавад. «Қиссаи нотамом» ва баъзе асарҳои дигари Б. Раҳимзода шаҳодат медиҳанд, ки ӯ дар инъикоси воқеаҳои таърихӣ ҳам маҳорати хуб дорад.

Боқӣ Раҳимзода шоири нозукадо буда, суруду таронаҳои ӯ бо латифӣ ва салисии худ дар дилҳо ошён гирифтаанд. Васфи ҳаёти озод, диёри зебо, ишқи поку дустӣ ва рафоқат, баҳору ҷавонӣ - мағзи асосии суруду таронаҳои ин шоири ширинсуханро ташкил намудаанд. Шеърҳои «Ин саҳар», «Суруди ман», «Дорад ҳавас», «Гули садбарг», «Норак муборак!», «Дилорой, Душанбе», «Дар лаби обе», «Эй чароғ» ва амсоли инҳоро, ки Б. Раҳимзода эҷод намудааст, аз ҷумлаи беҳтарин шеъру сурудҳои муосири тоҷик шумурдан мумкин аст.

Баъзе сурудҳои Боқӣ Раҳимзода чунон машҳуранд ва дар репертуари ҳофизони халқӣ чунон мустаҳкам ҷой гирифтаанд, ки онҳоро аз сурудҳои халқӣ чудо кардан душвор аст. Солҳо ин ҷониб таронаҳои «Духтараки номдор», «Марҳабо», «Ширин аст», «Дилакам об», «Таронаи танбал», «Ҷигӣ-ҷигӣ» ва ғайра вирди забони ҳофизон мебошанд.

Ҳангоме ки сухан аз Боқӣ Раҳимзода меравад, хоху нохоҳ тавсифхои «ширинсухан», «давраоро», «зарифтабъ» ва ғайра ба забон меоянд, ки ин бесабаб нест. Хислати зарифтабъии шоир ба эҷодиёташ ҳам сафо бахшидааст.

Алалхусус, ҳазлҳои рафиқонаи Б. Раҳимзода ба шоирону нависандагони советии тоҷик М. Раҳимӣ, А. Деҳотӣ, М. Аминзода, М.

Турсунзода, М. Миршакар, Раҳим Чалил ва дигарон аз бисёр ҷиҳат ҷолиби диққатанд. Пеш аз ҳама шоир моҳияти эҷодиёт, хислатҳои шахсии адиби васфшаванда ва муносибати таълифи шеърро ба тарзи хеле нозук ба қалам медиҳад, ки яке аз шартҳои маъмул ва писандидаи ҳазлҳои рафиқона ҳисоб меёбад.

Боқӣ Раҳимзода барои хонандагони хурдсоли худ ҳам шеър эҷод намудааст. Ин гуна шеърҳои шоир аз нуктаи назари забону тарзи баён ва мавзуъ барои бачагон фаҳмою шавқоваранд. Аз асарҳои доир ба хурдсолон офаридаи Б. Раҳимзода махсусан «Мусича ва рубоҳ» ва «Гурбаи худписанд» хеле машҳуранд. Асарҳои бачагонаи Б. Раҳимзодаро мутолиа карда, ба фикри шоир Ғаффор Мирзо пурра шарик шудан мумкин аст, ки ӯ гуфтааст: «Боқӣ Раҳимзода роҳи дили кудаконро медонад, завқи онҳоро омухтааст, онҳоро бо ҳикояти пур аз драматизми бачагона ҷалб карда метавонад».

Б. Раҳимзода қалами худро дар офаридани асарҳои насрӣ ва драмавӣ низ озмудааст ва дар ин жанрҳои адабӣ низ муваффақиятҳо ба даст овардааст. Ӯ бо ҳамроҳии баъзе адибони тоҷик якчанд пйеса эҷод намудааст, ки онҳо дар репертуарҳои театрҳои Тоҷикистон ҷой гирифтаанд. Аз мазҳакаҳои Б. Раҳимзода «Қиссаи Таърифхоҷаев» (бо ҳамроҳии А. Деҳотӣ), «Дар сояи шипанг» (ҳамроҳи М. Рабиев), «Чинори гуё» ва «Гаҳвораи тилло»-ро (бо ҳамроҳии С. Саидмуродов) номбар кардан мумкин аст, ки писанди тамошобинон гардидаанд.

Қиссаи мансури «Аз саргузаштҳои Соқӣ», ки солҳои 1964-1966 дар журнали «Садои Шарқ» чоп шудааст, аз маҳорати баланди нависандагии Б. Раҳимзода гувоҳӣ медихад. Ин асари мансури бадеии Б. Раҳимзода, зоҳиран, алҳол ба анҷом нарасидааст ва он шоистаи идома додану ба оммаи хонандагон пешкаш кардан мебошад, зеро саргузаштхои пуршури Соқиро кас бо шавқу ҳаваси том мутолиа мекунад.

Бояд қайд кард, ки Боқӣ Раҳимзода яке аз мутарҷимҳои соҳибистеъдод низ мебошад. Ин шоири ҳассос асарҳои чунин сарбозони номдори адабиёти советии рус, аз кабили Николай Тихонов, Михаил Светлов, Степан Щипачев, Алексей Сурков на дигаронро ба тоҷикӣ тарҷима кардааст.

Б. Раҳимзода дар тарҷимаи осори адибони дигар халқҳои бародарӣ ҳам саҳми арзанда гузоштааст.

Шоири ширинкаломи тоҷик, муаллим ва мураббии як гурӯҳ адибони ҷавон, депутати Совети Олии РСС Тоҷикистон, Лауреати мукофоти давлатии РСС Тоҷикистон ба номи Рӯдакӣ Боқӣ Раҳимзода эҷодиёти бой ва гуногунранг дошта, соҳиби услуби хоси худ мебошад ва мо ӯро аз номи мухлисонаш бо синни муборaки шастсолагӣ самимона табрик карда, ба ӯ саломатӣ, умри дароз ва комёбиҳои нави эҷодӣ орзу мекунем.

**Р. МУСУЛМОНКУЛОВ,**
**номзади илмҳои филология,**
**Х. АСОЕВ, аспирант.**